ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 323 (575.3)**
**ТКБ: 66.01 (2 тоҷик)**
**Я-58**

**ЯҚУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ**

# ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН ДАР ЗАМОНИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶОМЕА (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти**
**дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**
**аз рӯйи ихтисос: 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо**
**ва технологияҳои сиёсӣ**

**КӮЛОБ - 2022**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Усмонзода Хайридин Усмон** - доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидзода Шӯҳрат Шукур** - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «24»феврали соли 2023, соати «$13^{00}$» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар вебсайти www.tnu.tjва Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "____" __________ соли 2023 фиристода шуд.

И.в. котиби илмии
Шӯроидиссертатсионӣ,
доктори илмҳоитаърих Акрамӣ З.И.

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Давлати дунявӣ ҳамчун навъи давлат натиҷаи амалӣ гардидани равандҳо ва майлонҳои асосии инкишофи давлати муосир ба монанди: секуляризатсия, модернизатсия, падидаҳои сиёсие чун: суверенитет ва конститутсионализму принсипи нави амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ – таҷзияи ҳокимият ба ҳисоб меравад.

Баъди аз байн рафтани Иттифоқи Шуравӣ бо идеологияе, ки муносибати шаҳрвандонро бо дин маҳдуд мекард дар ҷомеаи баъдишӯравии тоҷик зарурат ба ташаккули низоми нави давлатдорие пеш омад, ки муносибати эътиқодии мардумро ба таври мусолиҳатомез ҳал намояд ва тақвиятдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, озодии виҷдон дар ҷомеа бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи муносибати ҳокимияти расмӣ ба дин давлати дунявӣ эътироф гардидааст. Вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро эълон мекунад, дар моддаи якуми конститутсия Тоҷикистонро ҳамчун «давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона»[1] эълон намуд, ки кафолатдиҳандаи амнияти ҷамъиятиву давлатӣ баромад намоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло таҳқиқ ва таҳлили ташаккулёбии давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди он дар саҳифаи миллӣ муҳим ва раванди саривақтӣ мебошад. Зеро агар дар сатҳи қонунгузории давлат пояҳои давлати дунявӣ мустаҳкам гардида бошанд ҳам, як қатор равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва омилҳои гуногуни дохилӣ ҳанӯз ҳам дар ин раванд ба таври ҷиддӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ҷумла ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имрӯз ба фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва террористӣ имконият фароҳам овардаанд, ки онҳо бе ягон мушкилӣ андешаҳои тундгароёнаи худро дар миёни мардум паҳн намоянд. Чунин ҳизбу ҳаракатҳо дар симои дину мазҳаб муборизаи худро оғоз бахшида, аз рӯҳияи динии мардум истифода намуда, меъёрҳои асосии давлатдории дунявиро нодуруст шарҳ медиҳанд ва одамонро дар муқобили ин гуна арзишҳои мутамаддин равона месозанд. Дар алоқамандӣ бо чунин муҳимият омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни низоми давлатдории дунявӣ, хусусиятҳои муҳимми ташаккул ва инкишофи он, илман асоснок намудани қонуниятҳои ташаккулёбии он яке аз самтҳои бартаридоштаи таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар замони тағйирпазирии ҷомеа яке аз масъалаҳои асосии идоракунии давлатӣ буда, таҳлилу таҳқиқи он вобаста ба шароити дигаргуншавии ҷомеа рӯзмаррагӣ гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва асарҳои хеш пайваста дар мавриди эъмори давлатдории навин, махсусан дар бораи таҳкиму ташаккули пояҳои давлати дунявӣ андешаҳои худро иброз медоранд, ки он муҳимияти таҳқиқоти мазкурро тақвият мебахшад. Чунончӣ, дар яке аз асарҳояшон қайд

[1]Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. Моддаи 1.

намуданд, ки «Бартарии низоми дунявии давлатдорӣ дар он аст, ки дунявият дар муқобили ҳеҷ мафкураи дигар қарор намегирад ва ихтилофи идеологиро ба вуҷуд намеоварад»[1]. Таҳдидҳои гуногуни имрӯза ба фарҳангу арзишҳои миллӣ, аз ҷумла арзишу анъанаҳо, низоми давлатдорӣ ва ғайра, ки дар пайи фаъолшавии насли нави ифротгароии зиддимиллӣ мисл гирифтаанд, метавонанд ба худи арзишҳои миллию дунявӣ, фарҳангу тамаддуни миллӣ, сохти давлатдории кишвар ва ниҳоятан ба худи мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ таҳдиди ҳаётӣ бошад. Ҳолатҳои мазкур аҳамияти мавзуи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, давлати дунявӣ навъи махсуси давлати муосирест, ки бе такя ба қоидаҳо, принсипҳо, меъёрҳо ва арзишҳои анъанавию ғайридемократӣ ташаккул ёфта, асоси фаъолияти онро маҷмуи меъёрҳо, принсипҳову арзишҳои умумӣ, ҳамарофарогиранда ва ратсионалӣ ташкил медиҳад. Давлати дунявӣ натиҷаи таҳаввулоти таърихие аст, ки ҷомеаро аз итоаткории бечунучарои қолабҳои анъанавии схоластикӣ, догматикии теосентрикӣ, авторитариву теократӣ берун баровард ва ба низоми мутамаддини муносибатҳо ворид сохт.

**Дараҷаи коркарди илмии омӯзиши масъала.** Инкишофи давлати муосир бо мувофиқати стандартҳои дунявӣ ва рушди мураккабии он дараҷаи коркарди илмии онро васеъ намудааст. Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар аксар маврид диққати сиёсатшиносон, файласуфон, ҳуқуқшиносон ва таърихшиносонро ба худ ҷалб намудааст. Ғояи давлат, низоми давлатдории дунявӣ, муносибати давлат бо дин, сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин дар корҳои илмию таҳқиқотии олимону таҳлилгарони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Тамоми адабиётҳои илмии вобаста ба мавзуи таҳқиқотиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуда метавонем.

**Ба гурӯҳи якум** сарчашмаҳои илмиеро нишон медиҳем, ки дар шакли луғатҳои тафсирӣ таҳия шудаанд ва мафҳуми «давлати дунявӣ»-ро ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ додаанд. Чунончӣ дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ шарҳи давлати дунявиро чунин таъриф медиҳанд: «давлати дунявӣ давлате мебошад, ки дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқи поягузорӣ шуда, аз дин ҷудо аст»[2].

Дар «Луғати тафсирии забони русӣ», ки зери таҳрири Д.Н.Ушаков таҳия шудааст дунявиятро чунин тавсиф медиҳад: «Дунявӣ тарзи зиндагии шахсони хуб тарбияёфта мебошад ва рафтори онҳо мувофиқ ба талаботи давру замон аст. Дар маънои дигар, дунявӣ, яъне ғайридинӣ ва ё шаҳрвандӣ мебошад, ки арзишҳои ғайридинӣ ва ғайрирӯҳониро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳокимияти дунявӣ, маълумоти дунявӣ, мактаби дунявӣ, адабиёти дунявӣ,

---
[1]Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол - [Матн] / – Душанбе, 2018. – С.16;
[2]Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 Ҷилд. Ҷ.1. [Матн]. – Душанбе, 2010. – С. 498.

чеҳраҳои (шахсони) дунявӣ ва монанди инҳо дар маъноҳои боло ифода мегарданд»[1].

Дар луғати мухтасари фаронсавӣ «Le Larousse de Poche» вобаста ба масъалаи мазкур чунин шарҳу тафсирро пешниҳод менамояд: «Дунявӣ – номутааллиқ ба рӯҳонӣ, дунявият – дорои харктери дунявӣ; низоми талаботҳое (қоидаҳое), ки калисоро аз доираи амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ ва маъмурӣ хориҷ (дур) мекунад. Масалан, маълумоти дунявӣ, ақди никоҳ ва ғ.»[2].

Ҳамин тариқ, тафсири илмии давлати дунявӣ ва дунявият аз «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», «Луғати тафсирии забони русӣ» зери таҳрири Д.Н. Ушаков, луғати мухтасари «Le Larousse de Poche» дар раванди фаҳми дурусти давлати дунявӣ заминаи хуб фароҳам меоварад.

**Гурӯҳи дуюми** олимонро назарияпардозони асрҳои миёна ташкил медиҳанд, ки зинаҳои нахустини дарки давлатдории дунявиро бо донишҳои динӣ алоқаманд нишон медиҳанд. Епископи Константинопол Иоанн Златоус[3] шоҳро ҳамчун ҳокими заминӣ ба идораи корҳои заминӣ вобаста медонад. Калисо дар симои рӯҳониён дар амалияи ҷамъиятӣ ба масъалаҳои рӯҳ ва малакути осмонҳо машғул аст. Дар раванди идоракунӣ бартарӣ ба ҳокимияти дунявӣ медиҳад.

Минбаъд ташаккули «назарияи ду шамшер» дар таълимоти Гелатсий[4] ва Ф. Аквинский[5] дар бораи ду ҳокимият: ҳокимияти динӣ ва ҳокимияти давлати дунявӣ ташаккул меёбад. Ин таълимоти мукаммал буда ба дарки ибтидоии давлати дунявӣ замина фароҳам меоварад.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳои илмию таҳқиқотии олимоне ташкил медиҳанд, ки аввалин маротиба ба омӯзиши давлати дунявӣ ва баррасии нишонаҳои сирф сиёсии ин навъи давлат машғул гардидаанд. Асосгузори консепсияи «давлати дунявӣ» донишманди итолиёвӣ Н. Макиавелли ба шумор меравад. Вай дар асари худ «Шаҳриёр» консепсияи давлати дунявиро ташаккул додааст ва зидди давлати теократӣ ва ҳокимияти рӯҳониён ва ҳамзамон, чунин шакли ҳокимиятро сабаби асосии бадбахтии тамоми давлат ва ҷомеа медонист, баромадааст. Н. Макиавелли аввалин шуда муносибати нави илмиро, ки пайдоиши илоҳии давлат ва ҳодисаю равандҳои инкишофи онро рад менамояд ва онро аз хаёлоти одамон низ вобаста надониста, хосияти

---

[1] Ушаков Д.Н. Толковый словарь современного русского языка. [Текст] / Д.Н. Ушаков. – М.: Аделант, 2013. – С. 87.

[2] Le Larousse de Poche 2003: Dictionnaire de la langue francaise et de la culture essentielle / Edition mise a jour. – Montreal, Canada: Larousse, Messageries ADP, 2003. - P. 460.

[3] Лазарева В.В. Общая теория права и государства. Послание апостола Павла к римлянам[Текст] / В.В. Лазарева. – М., 2001. – С. 40-44; Хропанюк В. Н. Теория государства и права. 3 – е издание, дополненное, исправленное. [Текст] / В.Н. Хропанюк. – М., 2008. –С. 22-30.

[4] MirbtC. QuellenzurGeschichtedesPapsttumsunddesrömischenKatholizismus [Матн] / [Электронныйресурс]. – Режимдоступа: https: // archive.org/details/quellenzurgeschi00mirb/ page/n15 mode/2up (дата обращение: 10.01.2018);

[5] Ниг.: Чичерин Б.Н. Политические мыслители древнего и нового мира [Текст] / Б.Н. Чичерин. Том 1. – М.: Гардарики, 2001. – С.163.

объективӣ будани онро муайян кардааст. Барои сохтани давлати пуриқтидору муқтадир бартари ба давлати дунявӣ медиҳад[1].

Муаллифи консепсияи “суверенитети давлатӣ” Ж.Бодден [2] қайд менамояд, ки дар шароити бунёди давлати миллию дунявӣ ва тавоно, давлат набояд озодии виҷдон ва диниро маҳдуд созад. Зеро, ки принсипҳои асосии рушди давлати дунявӣ ин озодии виҷдон ва динӣ мебошад. Донишмандони дигар Т. Гоббс., Ҷ. Локк., Э. Литре [3] аҳамияти калони илмӣ доштани, консепсияҳои классикии давлати дунявиро ташаккул додаанд.

Чунин тарзи баррасии масъала дар асарҳои илмию таҳқиқотии М. Падуанский, М. Лютер, Ш. Л. Монтеске, Ж.Ж. Руссо, Ж. Бобер[4] ва чанде дигарон аҳамияти хуби назариявию амалӣ доранд.

**Гурӯҳи чаҳорумро** корҳои илмию таҳқиқотии олимонӣ рус ташкил медиҳанд. Донишмандони рус низ дар ташаккул ва инкишофи давлати дунявӣ, муайян намудани принсипҳо ва хусусиятҳои асосии он саҳми арзанда гузоштаанд. И.В. Понкин қайд менамояд, ки «давлати дунявӣ ин давлатест, ки дар он мустақилият ва соҳибихтиёрии институтҳои давлатӣ дида мешавад. Барои ба вуҷуд овардани чунин шароит фазои озод, роҳ надодан ба ҳатмигардонии ягон дин ва ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз сиёсатро бояд нигаҳ дошт»[5]. Мавқеи ба ин монандро як қатор муҳаққиқони дигар низ иброз намудаанд. Чунончӣ, ба андешаи А.А. Безгулов. ва С.А.Солдатов, дар

---

[1] Макиавелли Н. Государь[Текст] / Н. Макиавелли // Перевод с ит. М. Юсима. – СПб.:Азбука, 2018. – 512 с.

[2]Боден Ж.. Шесть книг о государстве [Текст] / Ж.Боден // Антология мировой политической мысли: В 5 т. Т.2. М.: 1999. – С.689-695;

[3]Ниг.: Гоббс Т. Сочинения: [Текст] / в 2 т. – М.: Мысль,1989. – Т. 1. – 736 с; Локк Дж. Два трактата о правлении [Текст] / Дж.Локк / Электроная библиотека Гражданское общество в Росии – URL:http://www.civisbook.ru/files/Files/Lokk.Traktaty_pdf; Ҳамон муаллиф. Опыт о человеческом разумении. Книги 1,2,3, Сочинения: [Текст] /В 3-х т. Т.1 / Под ред. И.С; Нарского. –М.: Мысль, 1985. - 623 с. Книга 4, Ҳамон муаллиф. Сочинения: [Текст] /В 3-х т. Т. 2 / Под ред. И.С. Нарского. – М.: Мысль, 1985. – 560 с; Литре Э. Светскость: французская исключительность или универсальная ценность [Текст] / [Электронный ресурс]. Режим доступа: http:// krotov.info /history/20/1950/bobero.html (дата обращение: 11.02.2018).

[4]Ниг.:Падуанский М. Защитник мира [Текст] / [пер. с франц. Б.У. Есенова]. – М., 2014, - 656 с; Лютер М. 95 тезисов (сборник) [Электронный ресурс]. Режим доступа: http: //www.6Lib.ru/ books/95-tezisov-151082 (дата обращения: 12.03.2020).; Монтескье Ш.Л. О духе законов [Текст] / Ш.Л. Монтескье. – М.: РИПОЛ классик, 2020. - 690 с; Руссо Ж.Ж. О причинах неравенства [Текст] / Ж.Ж.Руссо // Анталогия мировой философии: В 4 Т. - М.,1907, Ҳамон муаллиф. Трактаты [Текст] / Ж.Ж. Руссо. -М.: Наука, 1969. -704 с; Бобер Ж. Светский характер государства // Франция сегодня: справка и анализ [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www/amba-france/ru/ rus/looks/france_today (дата обращения: 19.11.2018).

[5] ПонкинИ.В.Светскость государства. Монография [Текст] / И.В. Понкин. – М.: 2004. – 466 с, Современное светское государство: автореферат. дис. ... д-ра юрид. наук [Текст] /И.В. Понкин. – М., 2004. - 44 с, Ҳамон муаллиф. Правовые основы светскости государства и образования [Текст] /И.В.Понкин. – М.: Про- Пресс, 2003. – 416 с. Ҳамон муаллиф. О типологии светских государств // Государственная служба [Текст] / И.В.Понкин. – 2004. – №1, Ҳамон муаллиф. Светскость государства: к вопросу определения правового содержания понятия // Образование [Текст] / И.В.Понкин. – 2003. – № 3. – С. 180.

шароити мавҷудияти давлати дунявӣ «давлат, дин ва иттиҳодияҳои динӣ аз ҳамдигар ҷудо буда, аз ин рӯ, ба корҳои якдигар дахолат намекунанд»[1].

Дар давлати дунявӣ қарорҳои ҳокимияти давлатӣ набояд хосиятҳои диниро ба худ касб кунанд. Ба ақидаи муҳаққиқи рус С.А. Мозговой «давлати дунявӣ ҳамеша дунявӣ (секулярӣ) аст. Ҳамчунин, дар ҳама навъи давлати дунявӣ ҳатман принсипи ҷудоии дин аз сиёсат амалӣ мешавад. Он метавонад тамоман зиддидинӣ ё атеистӣ бошад. Давлати дунявии идеалӣ ҳам аз дин (рӯҳониён) ва ҳам аз атеизм баробар ҷудо аст. Ин дар боҳамзистии осоиштаи онҳо, ҳуқуқи озодона интихоб намудани ҷаҳонбинии динии шаҳрвандонро нигоҳ медорад»[2].

Дар ин самт инчунин корҳои илмӣ таҳқиқотии Б.Н. Чичерин, Ф.М. Рудинский, П.Н. Дозорцева, В.Н. Савелев, А.И. Сидоренков ва дигарон бисёр аҳамиятнок мебошад[3].

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар корҳои илмию таҳқиқотии олимону муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои ҷудогонаи давлати дунявӣ, аз қабили озодии виҷдон, эътиқод, баробарии иттиҳодияҳои динӣ, муносибати давлат бо дин ва монанди инҳо омӯхта шудаанд.

Чунончи, А.Н. Муҳаммад дар таҳқиқоти худ моҳият ва хусусиятҳои давлати дунявиро баррасӣ карда, андешаҳои хешро ба таври зерин баён намудааст: «давлати дунявӣ сохтори сиёсие мебошад, ки дар он дин аз сиёсат ҷудо карда шудааст. Яъне, дар давлати дунявӣ рӯҳониён наметавонанд дар ҳаёти сиёсӣ дахолат намоянд ва ҳизби динӣ таъсис диҳанд[4].

---

[1]Безгулов А.А. Конститутционное право Россия. Учебник [Текст] / А.А. Безгулов., С.А. Солдатов. В 3-х томах. – М., 2003. – 896 с.

[2]Мозговой С.А. Светское государство как мировоззренчески нейтральное [Текст] / С.А. Мозговой. Социономикон. Международный сборник научно-практических работ Вып.2. – Ростов- н/Д, 2006. – С.70-73.

[3] Ниг.: Чичерин Б.Н. История политических учений [Текст] / Б.Н.Чичерин.Т. 1 / Подготовка Текста, вступ. ст. и коммент. И.И. Евлампиева. – СПб.: Издательство РХГА, 2006. – 720 с, Ҳамон муаллиф. История политических учений [Текст] / Б.Н.Чичерин. Т. 2 / Подготовка Текста, вступ. ст. и коммент. И.И. Евлампиева. – СПб.: Издательство Русской христианской гуманитарной академии, 2008. -752 с, Ҳамон муаллиф. История политических учений [Текст] / Б.Н.Чичерин. Т. 3 / Подготовка Текста, вступ. ст. и коммент. И.И. Евлампиева. – СПб.: Издательство РХГА, 2010. – 784 с; Рудинский Ф.М. Закон, религия, правонарушения [Текст] / Ф.М.Рудинский. – Волгоград, 1971. - 143 с; Дозорцев П.Н. Развитие светской государственности в России: история и современность [Текст] / П.Н.Дозорцев. –СПб., 1998. – 243 с; Савальев В. Н. Свобода совести: История и теория. Монография[Текст] / В.Н.Савельев. – М.: Высшая школа, 1991. – 144 с; Сидоренков А.И. Особенности реализации свободы совести в условиях усиления многоконфессиональности в современной России: дис. ... канд. юрид. Наук [Текст] / А.И. Сидоренков. – М., 2003. – 173 с;

[4]Ниг.: Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 377 с. Ҳамон муаллиф. Муқаддимаи идеяи миллӣ [Матн] / А.Н.Муҳаммад. – Душанбе, 2014. – 220 с.; Ҳамон муаллиф. Государственная независимость Республики Таджикистан [Текст] / А.Н.Муҳаммад., Л.Л.Хоперская. – Душанбе, 2016. – 84 с.

Г.Н. Зокиров зимни баррасии масъалаи мазкур қайд менамоянд, ки давлати дунявӣ умумияти сиёсие мебошад, ки дар он дин, иттиҳодияҳои динӣ ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир намерасонанд[1].

**Гурӯҳи дигари** донишмандони тоҷикро, ки бевосита ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи давлати дунявӣ машғул шудаанд, нишон медиҳем. Махсусан А. Раҳнамо дар корҳои илмӣ таҳқиқотии худ ба масъалаҳои мухталифи давлати дунявӣ, озодии виҷдон, муносибати давлат бо дин, сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, умуман ба мустаҳкамии пояҳои давлати дунявӣ бештар диққат додааст[2]. Инчунин, М.С. Одинаев., С. Раҷабов., З.Ш. Сайидзода, Ш. Саидзода[3] ва дигарон ба масъалаи болозикр дар доираи донишҳои гуногун ба таври умумӣ баҳогузорӣ намудаанд, ки дар таҳқиқоти мазкур бисёр арзишманд дониста мешаванд.

Дар маҷмуъ, омӯзиши масъалаи давлати дунявӣ дар шароити давлат дар марҳилаҳои аввали худ қарор дорад ва барои ташаккули ин навъи давлат ва мустаҳкам намудани принсипҳои он дар амалияи ҷамъиятӣ таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни он зарур шумурда мешавад.

**Робита бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи иҷроиши мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» (барои солҳои 2016-2020, 2021-2025) иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Объекти таҳқиқотро** масъалаҳоигуногуни инкишофи давлати дунявӣ, хусусиятҳо ва дурнамои рушди он ташкил менамояд.

---

[1] Ниг.: Зокиров Г.Н.Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз III Ҷилд. Ҷ. I [Матн] / Г.Н.Зокиров. – Душанбе: «Адалеб-Р», 2015.; Ҳамон муаллиф. Давлат. Қ. 1. Монографияи илмӣ [Матн] / Г.Н.Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 384 с.: Ҳамон муаллиф. Системаи сиёсӣ: масъалаи рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н.Зокиров. – Душанбе, 2011. – 352 с.: Ҳамон муаллиф. Давлати тавоно (Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ). – Душанбе, 2018. – 60 с.; Ҳамон муаллиф. Хусусиятҳои инкишофи сиёсат ва идораи давлатӣ [Матн] / Г.Н.Зокиров // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. №2/5 (1). – С. 142-150.

[2]Ниг.: Раҳнамо А. Мавқеи ҳизбӣ ва мавқеи миллӣ [Матн] / А.Раҳнамо. – Душанбе, 2012. – 216 с.

[3] Ниг.: Одинаев М.С. Социально-политические основы демократического, правового, светсково государство: на материалах Республики Таджикистана: дис. ... канд. полит. наук [Текст] / М.С. Одинаев. – Душанбе, 2010. - 145 с.; Раджабов С. Влияние политической культури на развитие светского государства в Таджикистане: автореф. дис. канд. полит. наук [Текст] / С. Раджабов. – Душанбе, 1999. - 35 с; Раджабов С. Влияние политической культури на развитие светского государство в Таджикистане: автореф. дис. канд. полит. наук [Текст] / С. Раджабов. – Душанбе, 1999. - 35 с; Сайидзода З.Ш. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З.Ш.Сайидзода – Душанбе, 2014. – 258 с.; Саидов Ш.Ш. Масъалаи секуляризм дар кишварҳои мусалмонӣ (Дар мисоли Тоҷикистон) [Текст] / Ш.Ш. Саидов // Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои муҳимтарини инкишофи сиёсии кишвар. (ш. Душанбе, 22 октябри соли 2012) – Душанбе, 2012. – С. 77.; Ҳамон муаллиф. Муносибати давлат ва дин дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Ш. Саидов // Ахбори ДДҲБСТ. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2016. № 1 (1). – С. 127-138.

**Предмети таҳқиқот** фарогири масъалаҳои назариявию амалии давлати дунявӣ хусусиятҳои муҳимми ташаккул, рушд ва дурнамои он дар шароити Тоҷикистони навин мебошад.

**Мақсади асоси рисолаи диссертатсиониро** таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши давлати дунявӣ, хусусиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои инкишофи давлати дунявӣ дар замони муосир, шаклгирии Тоҷикистон ба сифати давлати дунявӣ, зарурияти инкишофи Тоҷикистони навин ба сифати давлати дунявӣ дар марҳалаи нави давлатдории миллӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои амалисозии мақсади асосӣ ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зерин аҳамияти зарурӣ пайдо менамоянд:

- муайян намудани зарурат ва аҳамияти таҳқиқу таҳлили илмӣ ва консептуалии давлати дунявӣ, хусусиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои инкишофи он;

– дар заминаи омӯзиш ва таҳлили консепсияҳои илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ нишон додани моҳият ва хусусиятҳои муҳимми давлати дунявӣ;

- таҳлили асосҳои сиёсии мазмун ва мундариҷаи давлати дунявӣ ва муайянкунии асосҳои ташаккули он;

- омӯзиш ва таҳлили ҳамкорӣ ва муносибати давлат бо иттиҳодияҳои динӣ;

- муайян ва нишон додани дурнамои рушди ғояҳо ва принсипҳои дунявият дар ҷомеаи тоҷик;

- таҳлили хусусиятҳои рушди низоми давлатдории дунявӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ;

- таҳлили масъалаҳои ташаккули арзишҳои гуногуни низоми давлатдории дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳқиқи мушкилоти мавҷуда ва нишон додани дурнамои рушди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Фарзияи тадқиқот.** Дар заминаи фарзияи таҳқиқоти илмӣ андешаи муаллиф оид ба аҳамият ва зарурати ташаккулу шаклгирии тарҳи давлатдории дунявӣ барои Тоҷикистони муосир, ки метавонад инкишоф ва дурнамои рушди сиёсии системаи сиёсии кишварро комил гардонда, дар таҳкими муносибатҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ заминаи муфиди сиёсиву сохторӣ ва ташкилиро ба вуҷуд оварад. Тамоюли шаклгирии давлати дунявӣ дар мисоли Тоҷикистон аз ҳар минтақа ва кишварҳои дигар тафовут дорад. Ҳолати мазкур аз махсусиятҳои инкишофи ҷомеа, фарҳанг ва тамаддун, руоварии ҷамъиятӣ ва оммавӣ вобаста мебошад. Инчунин, падидаю ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ ва ҷаҳони имрӯза дар ҳолати тезтағйирёбандагӣ қарор дошта, мумкин аст, ки моҳият ва хусусиятҳои аслии баъзе аз ҳодисаҳои мусбии инкишофи давлатдории муосир дуруст ва дақиқ дарк нагарданд, ки яке аз ин равандҳо ҳамчун давлати дунявӣ рушд ёфтани давлати муосир аст. Аз инрӯ, давлати дунявӣ ва ниҳодҳои асосии он ва дигар институтҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсиро зарур аст, ки ҷиҳати нигоҳ доштан ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини рушди босуботи кишвар, дурнамои устувори давлат муносибати воқеъбинона, дуруст ва мантиқию илмиро ба он ихтиёр намоянд.

Ҳамин тавр, рушди мавзуну босуботи давлати миллии навини Тоҷикистон аз таҳкими низоми муосириву дунявӣ, демократӣ вобастагии амиқу ҷиддӣ дорад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқарарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя кардааст. Ба таҳлили адабиёти илмӣ, ки ба омӯзиши равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, дар онҳо нисбат ба рушди давлати дунявӣ ва раванди ташаккулёбии он хулосаҳои илман асоснокшуда баён гардидааст, диққати махсус равона шудааст. Дар баробари ин, корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ нашр гардидаанд, инчунин Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи низоми давлатдории дунявӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Онҳо барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти консептуалӣ доранд. Инчунин, дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии низоми давлатдории дунявӣ нишон дода шудааст.

Дар зимни ин имкон дорад, ки маводҳои диссертатсияро дар таълими фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Давлатшиносӣ», «Диншиносӣ», «Манфиатҳои миллии Тоҷикистон», «Равандҳои сиёсии Тоҷикистон», «Геополитика», «Амнияти миллӣ», «Модернизатсия» ба сифтаи таълими курси махсус, хосатан курсҳои тамоюлҳои асосии инкишофи давлати муосир ва дар омӯзиши мавзуъҳои рӯзмаррае чун секуляризм, демократия, масъалаҳои гуногуни модернизатсияи ҷомеаҳои анъанавии баъдиисломӣ ва ҳамчунин, дар марказҳои таҳқиқотию оянданигарӣ ва давлатшиносӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди давлати дунявӣ, стратегияи рушди устувори давлати навини Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдии ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои таъсиррасони инкишоф рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон баромад намоянд. Метавон ишора намуд, ки натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди пажӯҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат бо иттиҳодияҳои динӣ, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди дин ва иттиҳодияҳои динӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Заминаҳои таҳқиқотро маҷмуи методҳои умумиилмӣ, ба монанди таърихӣ, системанокӣ, объективият, мушаххасият, муқоисавию таърихӣ ва сотсиокултурологӣ ташкил менамоянд. Ҳамчунин, дар раванди таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба давлати дунявӣ истифода аз методҳои таҳлилию усулҳои консептуалӣ, методҳои синергетикӣ, таркиботию функсионалӣ ва муқоисавӣ истифода шудаанд. Истифодаи методи таърихӣ имконияти таҳқиқи хронологии равандҳоро фароҳам сохта, сатҳи тағйироти ҳаёти ҷомеа дар давоми асрҳо муқоиса карда шуданд. Гуногунсамтӣ ва пурмазмунии масъалаҳо, ки дар раванди таҳқиқот аз худ дарак медоданд, зарурати муносибати эмперикӣ, таҳлили сохторӣ ва умумигардонии назарияро талаб мекарданд. Дар раванди омӯзиш аз методи мушоҳидаи бевоситаи воқеияти самараноки давлати дунявӣ дар мисоли давлатҳои дигари тараққиёфта, таҳлили сиёсии хусусиятҳо, ташаккулу рушди он ба таври самаранок истифода гардидаанд. Ҳангоми таҳқиқу таҳлили мавзуъ масъалаи тавсифи мафҳумҳо ва категорияҳое, ки бо маънӣ ва мазмуни мухталиф тавсифу тафсир гаштаанд, таваҷҷуҳи махсусро талаб намудаанд.

Ҳамин тавр, асосҳои методологӣ дар худ синтези муносибатҳои мухталифи илмиро ифода менамоянд, ки ба таҳлили сиёсии маводҳо мусоидат намуда, дар муайян намудани давлати дунявӣ, хосиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои рушди он саҳми асосӣ гирифтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ ва кушодани ҷанбаҳои калидии он муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои мавҷуда низ васеъ истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим намуд:

**Гурӯҳи аввалро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳуҷатҳои аз ҷониби давлат қабулшуда, санаду эъломияҳо ва муоҳидаҳои байналхалқӣ ба мисли: «Эъломияи ҳуқуқи башар», «Муоҳидаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ», «Декларатсия дар бораи барҳам додани ҳар навъи таҳаммулнопазирӣ ва табъиз дар асоси боварҳои динӣ ва ақида», «Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ», Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин ва дигарон дохил шудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** осори бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон[1] ташкил медиҳанд. Дар асарҳои мазкур дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, тавсияҳо барои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти таҳқиқи давлатдории миллию дунявӣ, таҳкими пояҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, омода намудани кадрҳои хизмати давлатӣ, рушди донишҳои сиёсии ҷавонон, тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллию давлатдорӣ дар қалбӣ наврасон ва умуман мардуми Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Гуруҳи сеюми** сарчашмаҳоро он зумра адабиёт, маводҳо ва мақолаҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар онҳо воқеияти давлати дунявӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити шаклгирии низоми дунявии давлатдорӣ, принсипҳои дунявии инкишофи давлати муосир, консепсияи давлати дунявӣ, оид ба масъалаҳои мавҷудияти арзишҳои дунявии давлатдорӣ, оид ба генезиси ғояи давлати дунявӣ, муносибати давлати дунявӣ ба дин ва иттиҳодияҳои динӣ матраҳ гардидааст. Дар асоси ин маводҳои назариявию амалии масъалаҳои ташаккули давлати дунявӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Омӯзиш ва таҳлили чунин корҳои илмию таҳқиқотӣ, имконияти назар намудан ба сатҳи иртибот ва алоқамандии масъалаҳоро на танҳо бо давлати дунявӣ, балки бо проблемаҳои гуногуни ташаккули он дар шароити муосирро нишон медиҳад.

**Навгонии илмиитаҳқиқот** пеш аз ҳама, дар гузориши масъалаҳои баррасишаванда зоҳир мегардад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмии мазкур доираи васеи масъалаҳои вобаста ба давлати дунявӣ ва раванди ташаккулу инкишофи он, хусусиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои рушди онро дар марҳилаи навини рушди Тоҷикистон фаро мегирад. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили сиёсиест баҳри баррасии аҳамият ва зарурияти низоми давлатдории дунявӣ дар рушд ва такмилу ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон, аҳамияти тарҳи давлатдории дунявӣ ба инкишофи стратегии Тоҷикистони навин. Вазъи коркарди илмии мавзуъ муайян гардида, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи раванди ташаккулёбии давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он дар шароити шаклгирии давлатдории муосири Тоҷикистон ба шакли зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст:

---

[1]Ниг.: Эмомалӣ Р. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – 364 с.; Ҳамон муаллиф. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э.Раҳмон. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 436 с; Ҳамон муаллиф. Таджики в зеркале истории. От Арийцев до Саманидов [Текст] / Э.Раҳмон. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 676 с; Ҳамон муаллиф. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Т.1 [Матн] / Э.Раҳмон. - Душанбе: «Ирфон», 2006; Ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.7 [Матн]. - Душанбе: «Ирфон», 2007. – 480 с; Ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.8 [Матн]. – Душанбе: «Ирфон», 2009. - 576 с; Ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.11 [Матн]. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – 576 с; Ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.12 [Матн]. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 560 с; Ҳамон муаллиф. О времени и о себе [Матн]. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 232 с.

- асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши масъалаи давлати дунявӣ, масъалаҳои асосии дурнамои рушди давлати дунявӣ таҳлил гашта, тамоюл ва махсусиятҳои асосии инкишофи он дар шароити муосир муайян гардида, фаҳми гуногуни падидаи мазкур ба таври мушаххас нишон дода шудааст;

- таҳлили моҳият, хусусиятҳои асосӣ, заминаҳо ва асосҳои сиёсии давлати дунявӣ, аҳамият ва зарурияти шаклгирии давлати дунявӣ дар заминаи инкишофи ҷомеа ва давлати мутамаддин равона шуда, шаклгирии он ҳамчун навъи нави давлати муосир ба самаранокии низоми сиёсӣ ва татбиқи стратегияи давлатддорӣ ҳамаҷониба баррасӣ гардид;

- таҳлили асосҳои сиёсии мазмун ва мундариҷаи давлати дунявӣ ва раванди пайдоиш, рушду инкишофи он баррасӣ гардида, марҳилаҳои асосии ташаккулёбии он бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ ва қонуниятҳои таърихӣ нишон дода шудаанд;

- вазъият ва шароити кунунии Тоҷикистон ҳамчун марҳалаи нави мустақилона шаклгирии давлати дунявӣ маънидод мегардад. Вобаста ба тақозои ҳолати мазкур махсусиятҳои шаклгирӣ, сатҳи таъсиррасонии падидаҳо ва арзишҳои ҷомеаи суннатӣ дар раванди ташаккули системаи сиёсии дунявии ҷомеа мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта, аҳамияти чунин навъи давлат дар ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон ба таври мушаххас ошкор шудаанд;

- дар заминаи кӯшишҳои зиёде асосҳои назариявию методологии давлати дунявӣ, хусусиятҳо ва масъалаҳои асосии рушди он дар асоси муносибати системанокӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба воситаи методҳои умуминазариявӣ таҳлилу таҳқиқи сатҳи муносибати мутақобилаи давлату дин, ташкилоти динию мазҳабӣ ва мақоми онҳо дар системаи сиёсӣ бо назардошти воқеиятҳои умумии ҷаҳони муосир ва принсипҳои бунёдии давлати дунявӣ нишон дода шудааст;

- дар асоси таҳқиқоти маҷмуӣ чигунагии сатҳу сифати ташаккули давлати дунявӣ, омилҳои таъсиррасон дар рушди низоми давлатдории дунявӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дурнамои рушди принсипи дунявияти давлат дар мисоли Тоҷикистони навин нишон дода шудааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Давлат падидаи марказии системаи на танҳо сиёсӣ, балки падидаи марказии системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Давлат ташаккулдиҳандаи тамоми муносибату фаъолияти одамон ва тамоми таркиботи институтсионалии иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ эътироф мегардад. Давлати дунявӣ навъи нав ва муосири давлатест, ки дар он арзишҳои реаливу ратсионалӣ тавлид ва бунёд мегарданд. Давлати дунявӣ ҷомеаро ба сӯи тамаддуни нав ва рушди устувор роҳнамоӣ мекунад. Дар давлати дунявӣ системаи сиёсӣ дар асоси арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёдӣ ташаккул ва инкишоф меёбад. Дар давлати дунявӣ имконияти баробари иштирок дар саҳнаи сиёсӣ ва раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа пайдо мегардад. Давлати дунявӣ давлатест, ки дар он ягон дин ба ҳайси дини расмӣ, давлатӣ ё ҳамчун дини бартаридошта дониста намешавад.

Дар давлати дунявӣ низоми ғоявию сиёсии плюралистӣ бунёд гардида, низоми ягонаи ғоявию идеологии динӣ чун идеологияи расмӣ қабул намегардад, фаъолияти мақомоти асосии ҳокимияти давлатӣ муносибаташро берун аз ғояҳои динӣ ба роҳ мемонад. Дар давлати дунявӣ дар асоси принсипҳои бунёдии либералии рушди ҷомеаи демократӣ ба ҳамаи шаҳрвандон имконияти озодона интихоб кардани дину мазҳаб дода мешавад.

2. Таҳқиқу таҳлили объективии давлати дунявӣ, хусусиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд, ки муносибат ба он на танҳо дар асоси тамоюли рушди умумии давлатҳои муосир, балки дар асоси зарурият ва аҳамияти чунин шакл гирифтани давлати муосири Тоҷикистон ва ба инобат гирифтани раванди рушди устувор ва пешомади инкишофи давлатдории миллии Тоҷикистон он бояд анҷом бипазирад. Дар раванди гузариши сифатӣ, тағйироти таркиботии системаи сиёсӣ ва дар даврони бухрони идеологию мафкуравии ҷомеа арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеаи мутамаддин, ки асоси бунёдии давлати дуняviро ташкил медоданд, бештар нақши бунёдӣ ва ғоявию арзиширо анҷом медиҳанд. Дар асоси ба кор гирифтани принсипҳои бунёдӣ ва ратсионалии ташаккули давлати дунявӣ аз ҷониби таркиботи институтсионалии ҷомеа ба таври ҳадафмандонаю самаранок истифода гардад, метавонад барои таҳкими босуботу мавзуни системаи сиёсии ҷомеа ва ташаккули давлатдории минбаъдаи тоҷикон мусоидат намояд. Аз байн бурдани ихтилофоти арзишҳои дунявӣ ва арзишҳои анъанавии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар ростои рушд ва инкишофи давлати дунявии Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Он дар заминаи консенсус ва компромисс ба мувофиқаоиҳои сиёсӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ҷомеаи тоҷикистонӣ аксарияти омма арзишҳои диниро пайравӣ намуда, аз он бештар истиқбол менамоянд. Аслан, низоми сиёсии Тоҷикистони навин хосияти дунявӣ дошта, ҳуқуқҳои дуняviро ҳамчун манбаи мустақили қонун қабул дорад. Аз ин ҷост, ки мусулмонони Тоҷикистон пайваста дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар низоми демократию дунявӣ фаъолона ширкат меварзанд.

3. Ҳангоми таҳқиқи шароит ва раванди руши давлати дунявӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳанӯз ҳам омилҳои динӣ, арзишҳо ва меъёрҳои ҷомеаи анъанавӣ метавонанд то андозае ба ташаккул ва инкишофи давлати дунявӣ таъсир расонад. Дар давоми асри XX дар раванди ташаккули идеяҳои давлати дунявӣ андешаҳои гуногуни назариявӣ ва роҳҳои муайяннамоии вазъи дин дар давлат пайдо шудаанд, аммо базаи қонунгузориро чӣ барои мамлакатҳои Аврупо ва чӣ барои мамлакатҳои собиқи Иттифоқи Шуравӣ формулаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳанӯз онҳоро дар оғози асри XX истифода мебурданд. Намудҳои зиёди моделҳои низоми давлатдории дуняviро баррасӣ намуда, нишонаҳои давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муносибати давлат ва иттиҳодияҳои диниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, модели низоми давлатдории Тоҷикистонро ба қатори навъҳои беҳтарин дар дунё дохил карда, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Махсусгардонии тарҳи

инкишофи давлати дунявии миллии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи он муҳим аст.

4. Вобаста ба ҳолати ҳукмфармое, ки системаи сиёсии кишвар дорад, принсипҳои бунёдии ташаккули давлати дунявӣ барои Тоҷикистони чандон мушкиловар маҳсуб ёфта наметавонад. Зеро чунин ҳолатро амали мантиқию дуруст ва таъхирнопазире, ки аз ҷониби ҳукумати кишвар нисбат ба дурнамои рушди давлати дунявии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида аст, раванди босуботи системаи сиёсии дунявиро тақвият мебахшад. Дар Тоҷикистон самаранокии ташаккули давлати дунявӣ ва бе зиддиятҳо ва муқовиматҳои оштинопазири анъанаҳо ва арзишҳои динӣ ва дунявию мутамаддин шакл гирифтани рушди давлати дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки мафкураи ҳеҷ иттиҳодияи динӣ ба ҳайси идеологияи давлатӣ баромад накарда, дар мамлакат муносибатҳои динии шаҳрвандон ба таври доимӣ зери назар қарор доранд. Давлат аз даврони ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва таҷрибаи ҷанги шаҳрвандӣ таҷрибаи батанзимдарории муносибатҳои эътиқодии шаҳрвандонро тибқӣ принсипҳои низоми давлатдории дунявӣ пайдо кардааст. Системаи қонунгузорӣ ва фазои сиёсӣ барои рушди ҳамаҷонибаи давлатдории дунявӣ шароитҳои мусоид фароҳам овардааст. Ҳолати мазкур, имкон медиҳад, ки тарафҳои манфиатхоҳ, ки зиддӣ манфиатҳои давлату миллат баромад менамоянд ба фазои иттилоотию-динии мамлакат роҳ наёбанд ва ба ин восита амнияти давлатамонро халалдор нанамоянд.

5. Махсусияти муҳимми сиёсии ташаккули ҷомеаи тоҷикистонӣ аст, ки ҳамкории давлат бо дин ва иттиҳодияҳои динӣ дар риштаи бунёди ҷомеаи мутамаддин ва ташаккулёфта ба роҳ монда мешавад. Махсусан, ба хотири ташаккули давлати мутараққӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ - давлатӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо арзишҳои анъанавӣ, ки бо анъанаҳои миллии давлат омехтагӣ дорад, бояд дар ҳамбастагӣ қарор дошта бошад. Тибқи меъёрҳои таҳлилшуда барои фаъолияти озодонаи иҷтимоӣ-фарҳангии иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоид ва имконияти иштироки фаъол дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳифзи арзишҳои миллиро фароҳам месозад.

6. Таъмини суботи сиёсӣ дар роҳи рушди давлати дунявӣ барои Тоҷикистон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Таваҷҷуҳи давлат атрофи ин масъала дар ҳошияи таҳдиду хатарҳо ва раванду ҳодисаҳои радикалӣ ва дингароёнае, ки атрофи кишвари моро фаро гирифтааст, такмил меёбад. Ин хатарҳо ҳар лаҳза метавонанд ба қишрҳои гуногуни ҷомеаи тоҷикистонӣ осеб расонида, итиҳодияҳо ва ташкилотҳои маънавӣ ва фарҳангии диниро ба доми худ кашида, вориди саҳнаи сиёсӣ намоянд. Дар ҳамин асос, барои дар фазои сулҳу осоиштагӣ инкишофи ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ назорат аз болои иттиҳодияҳои динӣ ва таълимотҳои гуногуни динӣ тибқи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин тақвият меёбад, ки зарурати ҳатмӣ дорад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи диссертатсионии «Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар замони тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми корҳои нашргардида, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд.Саҳми шахсии муаллиф дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар як дастури ёрирасони таълимӣ, ҳашт мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ҳашт маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, як мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ, ки бо ташаббуси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Фазои маҷозӣ: имконият ва таҳдидҳо ба амнияти миллӣ» (Душанбе, АМИТ, 08 июни 2021), инъикос гардидаанд. Аз ҷумла, дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалии«Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон» (Душанбе, ДМТ, 12 майи 2021),конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявии«Низоми нави ҷаҳонӣ» (Душанбе, АИДПҶТ, 16 апрели 2021), конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии«Робитаҳои мамолики Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо» (Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2019), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии«Пешвои миллат ва эҳёи тамаддуни тоҷикон» (Хуҷанд, ДДҲБСТ, 2019), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии«Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Данғара, ДДД, 2019) натиҷаҳои таҳқиқот маърӯза гардидааст.Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Шурои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи мазкур муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия гардидааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, ки дарбаргирандаи шаш зербоб аст, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

## ҚИСМАТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсия мубрам будани мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он таҳлилу баррасӣ гардидааст. Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, ҳолатҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаи давлати дунявӣ»** унвон шуда,ба таври махсус ба омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои илмӣ, назариявӣ, хусусиятҳои консептуалии давлати дунявӣ, ҳамчун давлати типи нав, заминаҳо ва омилҳои асосии шаклгирӣ ва рушди он, масъалаҳои асосии инкишофи давлати дунявӣ дар шароити муосир бахшида шудааст.

Зербоби аввали боби якум - **«Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои он: масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ»,** бевосита ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва мафҳуму моҳияти асосии давлати дунявӣ бахшида шуда, дар ҳошияи омӯзиши хусусиятҳо, масъалаҳои назариявӣ ва методологии давлати дунявӣ таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт анҷомёфта ва ба масъалаи мазкур бахшидашуда таҳлил гардидаанд.

Нишон дода шуд, ки дар шароити муосир рушду инкишофи давлати дунявӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини амалияи сиёсӣ – давлатдорӣ ба шумор меравад. Дар шароити рушди давлати дунявӣ ифодаи ғайридемократӣ, аз ҷумла теократии ҳокимияти давлатӣ хосияти воқеӣ пайдо намекунад. Аз тарафи дигар, имкони барқарор шудани ҳокимияти теократӣ вуҷуд надорад. Дин ва барандагони он ҳамчун субъекти сиёсат ва ҳаёти сиёсӣ аз иштирок дар равандҳои сиёсӣ ва қабули қарори сиёсӣ эътироф намегарданд. Махсусияти демократӣ ва бартарии давлати дунявӣ дар он аст, ки иқтидори мусбати иҷтимоӣ - маънавии динро эътироф мекунад ва онро неруи такмилдиҳандаи маънавиёти ҷомеа ҷонибдорӣ мекунад. Инчунин, давлати дунявӣ кӯшиш менамояд, ки манфиатҳои шаҳрвандони диндор ва бемазҳаб, иттиҳодияҳои мухталифи динӣ, гурӯҳҳои этникию мазҳабиро ба ҳам мутобиқ намояд, ризоияти умумиро байни гурӯҳҳои гуногуни

конфесионалӣ таъмин созад. Бартарият ва мақоми сазовори давлати дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки он мувозинати манфиатҳои чӣ диндорон ва чӣ бемазҳабонро таъмин месозад, дар доираи салоҳияти худ давлат намегузорад, ки иттиҳодияҳои динӣ ба фаъолияти давлатӣ дахолат намоянд.

Таҳлили донишномаҳои сиёсӣ ва луғатҳои тафсирӣ нишон медиҳад, ки дар аксар маврид мафҳуми давлати дунявӣ дар ду маъно ба кор бурда шудааст. Яъне, давлатидунявӣ тартиби институтсионалие мебошад, ки муносибатҳоро дар доираи меъёрҳои умумишаҳрвандӣ нигоҳ медорад. Он натиҷаи ивази меъёрҳо ва қоидаҳову принсипҳои ғайриратсионалӣ ба меъёрҳо ва принсипҳои ратсионалии давлатдорӣ мебошад. Дигар ин, ки дунявият ин доираи арзишҳоеро фаро мегирифт, ки хоси гурӯҳои элитарӣ ҷомеа буданд. Давлатдории дунявӣ шакли идоракуние мебошад, ки низоми илму маорифро берун аз меъёрҳои динӣ танзим менамояд. Дар шароити мавҷудияти давлати дунявӣ ва дар раванди тасдиқи принсипҳои дунявӣ ҳукумат ба иттиҳодияҳои динӣ ва ибодатхонаҳо имкон намедиҳад, ки онҳо ба вазифаҳои идеологӣ ва иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳукумати маҳаллӣ таъсир расонанд. Аз ҷумла, дар давлати дунявӣ ташкилотҳои динӣ дар раванди сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (таваллуд, издивоҷ, марг) машғул шуда наметавонанд, ба ин кор асосан, муассисаҳои давлатӣ ва вазорати корҳои дохилӣ машғул аст.

Инчунин, дар асоси таҳлили афкори донишмандони гуногун хусусиятҳои асосии давлати дунявиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:«давлати дунявӣ» ин сохтори сиёсие мебошад, ки дар он дин аз сиёсат ҷудо карда шудааст. Яъне, дар давлати дунявӣ руҳониён наметавонанд дар ҳаёти сиёсӣ ширкат варзанд ва ҳизби динӣ таъсис диҳанд. Дар давлати дунявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ на дар асоси меъёрҳои динӣ, балки дар асоси меъёрҳои шаҳрвандӣ танзим мегарданд. Дар давлати дунявӣ қарорҳои сиёсии қабулшуда низ асоси динӣ дошта наметавонанд. Инчунин, «давлати дунявӣ» ин давлатест, ки дар он мустақилият ва соҳибихтиёрии институтҳои давлатӣ дида мешавад.

Зербоби дуюми боби якум – **«Заминаҳо ва омилҳои асосии шаклгирӣ ва рушди давлати дунявӣ»,** ба омӯзиши раванди ташаккулёбии давлати дунявӣ, омилҳои таърихию сиёсии пайдоиш ва рушди давлати дунявӣ, хусусиятҳои рушди таърихии ин раванд бахшида шудааст. Дар ин қисми диссертатсия қайд мегардад, ки ғояи давлати дунявӣ дар натиҷаи муколамаи дурудароз миёни иттиҳодияҳои динӣ ва давлат ба вуҷуд омадааст.

Дар натиҷаи рақобати таърихӣ миёни ҳокимияти давлатӣ ва динӣ ба инкор шудани мақоми калисо дар ҷомеаҳои асримиёнагии аврупоӣ оварда расонид. Барои ишораи ғайрикалисоӣ (ғайридинӣ) – Тезиси нав – “ҷомеаи дунявӣ” ва “давлати дунявӣ” ташаккул дода мешавад. Охири асри XVII ва аввали асри XVIII раванди ҷудошавии низоми давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз таълимотҳои динӣ гардид. Ҳамин тавр, дар аввали асри XVIII барои эҷоди консепсияи конститутсионии давлати дунявӣ замина ба миён омад: ҳамаи ҳокимияти давлатӣ бояд, ки барои ҳимояи манфиатҳои дунявии шаҳрвандони

худ хизмат намоянд. Асосҳои конститутсионии давлати дунявӣ аллакай асосноккунии бевоситаи диниро талаб намекард. Барои ҳамин, давлати дунявии конститутсионӣ ҷонибдори озодии эътиқод ва баробарии иштироки ҳамаи шаҳрвандон дар масъалаҳои сиёсӣ новобаста аз ақидаи динӣ ва ҷаҳонбинӣ мебошад.

Аввалин давлатҳои дунявӣ баъди ба имзо расидани шартномаи сулҳи Вестфал пайдо шудаанд, ки дар натиҷа дар Аврупо бо мурури замон рӯҳониён аз ҳокимияти давлатӣ дур карда шудаанд. Дар ҳамин замина, ба ақидаи муҳаққиқ Л.Ю. Грудсина мафҳуми «дунявият» дар рисолаи Мартин Лютер «Дар бораи ҳокимияти дунявӣ» соли 1523 истифода шудааст ва он чунин маъно дорад: «дунявӣ, шаҳрвандӣ, ғайридинӣ»[1].

Нишон дода шудааст, ки инкишофи ҷомеаи муосир ва давлатҳо бо асосҳои либераливу демократӣ, модернистиву таҳаввулгароёна, прогрессивию, ислоҳотталабӣ раванди инкишоф ва мустаҳкам кардани давлати дунявиро ҷоннок мегардонад. Замони муосир имконияти таърихӣ сиёсие буд, ки стратегияи давлати дунявӣ мушаххас гардида, масъалаҳои асосии пешомади инкишофи он тарҳрезӣ шавад.

Зербоби сеюми боби якум «**Масъалаҳои асосии инкишофи давлати дунявӣ дар шароити муосир**» ба таҳқиқи тамоюли рушди давлати дунявӣ дар шароити навин бахшида шуда, дар он омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин раванд таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар шароити муосири инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ масъалаҳои асосии инкишофи давлати дунявӣ дар шаклҳои гуногун амали гардонида мешаванд. Масъалаҳои асосии инкишофи давлати дунявиро дар шароити муосир метавонад чунин масъалаҳо дар бар бигиранд: озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, баробарии иттиҳодияҳои динӣ, амнияти давлатӣ, низоми маълумотгирии дунявӣ, тарбияи шаҳрвандӣ (маданӣ), озодии ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз зери назорат ва идораи рӯҳониён дар ҷомеа, муносибатҳои сатҳи мухталиф ба монанди муносибатҳои дин ва давлат, раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, баамалбарории хизмати давлатӣ ва ғ.-ро дар бар бигирад.

Дар мамлакатҳои дунё масъалаҳои асосии инкишофи давлати дунявӣ ба таври гуногун инкишоф ёфта истодаанд. Махсусан дар Русия ягон дин ба сифати дини давлатӣ ё ҳатмӣ муқаррар карда нашудааст. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шуда дар назди қонун баробаранд. Чунин муносибат дар ИМА, Фаронса ва як қатор кишварҳои дигар якранг аст. Аммо як қатор кишварҳое низ ҳастанд, ки вобаста ба махсусиятҳои таърихии инкишофи худ ба динҳои гуногун бартариятҳои муайянро додаанд ба монанди (Япония, Олмон, Италия). Дар ин давлатҳо ба туфайли омилҳои таърихӣ сурат гирифтааст, он боварии амиқи ҷомеаро ба таъсири судманди дин ба сиёсат, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ҷамъиятӣ, одоб инъикос мекунад.

[1] Грудцина Л.Ю. Церковь как связующее звено между гражданским обществом и государством в России [Текст] / Л.Ю.Грудцина // Адвокат. – 2007. – №9.– С.79.

Эъмори давлати дунявӣ ва ҷомеаи мутамаддин таҷрибаи дуру дарози таърихист. Чуноне ки дар қисматҳои аввал баён доштем таҷрибаи бунёди низоми давлатдории дунявӣ таърихи беш аз чандасраро соҳиб мебошад, аммо дар нисбати минтақаҳо ва давлатҳои гуногун таърихи бунёди он дар тафовут қарор доранд. Дар ин маврид омилҳои замонӣ ва маконӣ баҳри ташаккули заминаҳои ҷомеаи мутамаддин, ки шоҳсутуни аслии эъмори давлати дунявӣ ба ҳисоб меравад нақши боризро соҳиб мебошанд. Дар шарҳи масъалаи ташаккули давлати дунявӣ дар шароити истиқлолияти сиёсӣ дарки ҳамаҷонибаи мафҳумҳои “давлати миллӣ”, “озодии виҷдон”, “иттиҳодияҳои динӣ”, “демократикунонии ҷомеа”, “давлати дунявӣ” аз аҳамият холӣ нест, зеро амалӣ кардани таҷрибаи бунёдкорона дар роҳи ташаккули давлати дунявӣ нақши асосӣ мебозад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Хусусиятҳои ташаккулёбии давлати дунявӣ дар замони соҳибистиқлолӣ»** - шаклгирии давлати дунявӣ дар шароити Тоҷикистони муосир, заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ дар марҳилаи гузариши сиёсӣ ва шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, дурнамои рушди давлати дунявӣ дар Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба омӯзиши хусусиятҳои муҳимми раванди шаклгирии давлати дунявӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар доираи ҳадафҳои тадқиқоти илмӣ бунёди давлати дунявӣ дар шароити мамлакати мо баррасӣ гардидааст. Асосан бунёди давлати дунявӣ ва ҷомеаи дунявӣ дар Тоҷикистон аз шаклгирии Тоҷикистон ба сифати давлат ва ҳамчун давлати иттифоқӣ дар ҳайати Иттифоқи Шуравӣ ба даҳаи сеюми асри XX рост меояд. Иттифоқи Шуравӣ ин нахустин навъи сохти давлатдорие буд, ки мардуми тоҷикро аз ҷаҳолат, хурофотпарастӣ, догмаҳои динӣ, бенизомӣ, беҳокимиятӣ, бесарусомониҳо ва аз шакли бади идоракунии амирӣ баровarда, дар як системаи мукаммали ҷамъиятӣ бо арзишҳои сотсиализм ворид намуд, ки ин заминаи муҳимми ташаккули арзишҳои дунявият (секуляризм), озодии виҷдон дар ҷомеаи тоҷик гашт. Нахустин бор принсипи дунявият дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Иттифоқи Шуравӣ сабт гардида буд, ки баъдан ин принсипҳо ба раванди идораи давлатӣ таъсири бисёр ҷиддӣ расонид.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои собиқи Иттифоқи Шуравӣ барои муайян намудани роҳи ояндаи давлатдории хеш талош менамуд. Он замон барои муайян намудани сохти давлат андешаҳои гуногун мавҷуд буданд. Як гурӯҳ тарафдори бунёди давлати исломӣ ва гурӯҳи дигар ҷонибдори сохтани пояҳои давлати дунявӣ маҳсуб мееёфтанд.

Шӯрои Олии Тоҷикистон барои дар фазои ором ва бехатар инкишоф ёфтани давлат дар конститутсияи ҳамондавраина дар моддаи якум мафҳуми

“дунявӣ”-ро ворид намуд, ки аз ҳамон марҳилаи таърихӣ то ба имрӯз муайянкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ гардид.

Аз ҳамин давра сар карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ ташаккул ёфт ва новобаста аз оне, ки аксарияти аҳолӣ ба дин бовар доранд, пайрави дини исломанд, санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар ҷомеа қабул карда мешуданд, бо арзишҳои давлати дунявӣ мувофиқ гардонида мешуданд. Дар ҷомеаи мо Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои динии инсонро таъмин ва ҳифз намуда, татбиқи он сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ кафолат медиҳад.

Хусусияти асосии дунявияти Тоҷикистони пасошӯравӣ ин эътирофи нақши созандаву бунёдии дин дар таърихи тамаддуни инсоният ва ҷойгоҳи ислом ҳамчун яке аз пояҳои фарҳанги миллӣ ва эътирофи нақши таърихии пешбарандаи он мебошад. Ин ҷо мо танҳо исломи анъанавиро гуфта метавонем, ки бо таълимоти мазҳаби ҳанафӣ Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит пайванд аст. Моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатро давлати дунявӣ эълон медорад. Давлати дунявӣ чунин давлатест, ки дар он пайравӣ аз ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон дин ба ҳайси дини давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст ва ҳама дину мазҳабҳо ҳуқуқи мавҷудияти баробар доранд.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон**» ба омӯзиши ташаккулёбии заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, татбиқи меъёрҳои гуногуни он дар сатҳи қонунгузории кишварро дар бар мегирад.

Бунёди ҷомеаи навин ва мустақил, давлате, ки бо асосҳои ҷомеаи муосир бунёд ёбад дар шароити истиқлолияти кишвар барои Тоҷикистон аллакай вазифаи аввалиндараҷа гардид. Заминаҳои нахустини сиёсию-ҳуқуқии ташаккули давлати дунявӣ дар шароити соҳибистиқлолии ин Эъломияи истиқлолияти давлатии ҶШСТ, ки 24 – уми августи соли 1990 қабул гардид, ба ҳисоб меравад. Он имконияトро барои эҷоди модели нави давлатдорӣ дар таърихи минбаъдаи миллати тоҷик фароҳам овард. Тақвияти заминаҳои ташаккули давлати дунявӣ дигарбора бо бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба амал омад. Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9 – уми сентябри соли 1991 ба бунёди давлати дунявии мустақил бо ба эътибор гирифтани махсусиятҳои миллии давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузошт.

Дар Тоҷикистон барои рушди давлати дунявӣ заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Дар ташаккулу инкишофи давлати дунявӣ дар Тоҷикистон ба сифати ҷомеаи демократӣ-дунявӣ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар ин самт қабулшуда баромад менамоянд.

---

[1]Конститутсияи ҶумҳурииТоҷикистон. – Душанбе: «Ганҷ», 2016. Моддаи 1.

Барои дар ҳолати хуб ташаккул ёфтани дунявияти давлат ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои ояндасозро зарур дониста, қабул намудааст. Масалан, яке аз чунин консепсияҳои қабулшуда барои дурнамои рушди давлати дунявӣ қабули Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин мебошад.

Зербоби сеюми боби дуюм - **«Мушкилот ва дурнамои рушди давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** монеаҳо, мушкилот, масъалаҳои асосии инкишоф ва дурнамои рушди давлати дунявӣ, татбиқи принсипҳои он дар Тоҷикистон мавриди арзёбӣқарор гирифтааст.

Тоҷикистон, ки муддати дароз дар ҳайати ИҶШС ва зери ҳукмронии идеологияи коммунистӣ қарор дошт, дар муносибат бо дин ва иттиҳодияҳои динӣ хосиятҳои ба худ хосеро соҳиб буд. Дар даврони Шӯравӣ набудани ягон маркази фарҳангию ибодатии мазҳабҳои гуногун, имкон надоштани иштироки роҳбарони ин кишвар дар кори Конфронсҳои гуногун, ба мисли Конфронси исломӣ ва дигар ташкилотҳои ҷаҳонии исломӣ ё ин ки расмӣ гардидани атеизми роҳбарияти кишвар ва имкон надоштани иштирок дар ягон маросими динӣ ба онҳо мисол шуда метавонанд. Аммо дар солҳои соҳибистиқлолии мамлакат проблемаи асосӣ дар самти рушди принсипҳои давлати дунявӣ дар Тоҷикистон, Ташкилоти экстремистӣ-террористии Ҳизби наҳзати исломӣ (минбаъд ТЭТ ҲНИ) буд. Солҳои охир ба фазои динии кишвар ворид гаштани ғояву ақидаҳои ҳизбу ҳаракатҳои исломи сиёсӣ барои муҳити динии Тоҷикистон нораво, ки моҳияти сиёсии таблиғотӣ доранд, сабаби дар ҷомеа ривоҷ ёфтани дидгоҳҳои ифротию тундравона гаштааст. Аз ҳамин лиҳоз, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти созмонҳои террористию экстремистӣ, ба монанди «ал-Қоида», ҳаракати «Толибон», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» (имрӯза «Ҳаракати Туркистони Шарқӣ»), «Ихвон–ул-муслимин», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», фаъолияти ТЭТ ҲНИ ва ғайраро дар қаламрави кишвар ғайриқонунӣ ва мамнуъ эълон намуд. Зеро дар асл мақсади онҳо дигар намудани сохти дунявии кишварҳои минтақа буда, барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ аз ҳама гуна роҳу восита истифода мекунанд.

Дар шароити мо яке аз роҳҳои дуруст, ки метавонад оромиву амнияти ҷомеаро таъмин намояд, ин таҳкими пояҳои давлатдории дунявист, ки дар он иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ҳеҷ гоҳ ба ягон дин, мазҳаб ва ҷараён тарҷеҳ дода намешаванд. Танҳо дар низоми дунявӣ баробарии дину мазҳабҳо ва ё дигар ҷараёнҳо таъмин гардида, шаҳрвандон дар интихоби худ озоданд ва дар ҳоли таҳдид накардан ба амнияти давлатӣ, арзишҳои милливу фарҳангӣ ва ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, давлат онҳоро зери ҳимояи худ қарор медиҳад.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон омилҳое вуҷуд доранд, ки барои рушди давлати дунявӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Монеаи ташаккули давлати дунявӣ ин ба амали омили таърихӣ иртибот дорад. Зеро, ки мардуми тоҷик аз таърих дар системаи сиёсии динӣ кору зиндагӣ намудаанд. Яъне, давлати

дунявӣ дар кишварамон чандон собиқаи зиёди амалӣ надорад. Монеаи дигари рушди давлати дунявиро мо дар сатҳи пасти иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккул наёфтани маданияти шаҳрвандӣ дида метавонем, ҳолати камбизоатӣ ва бӯҳронӣ одамонро водор месозад, ки то баҳри ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодии худ амал намоянд. Яке аз проблемаҳои дигари рушди давлати дунявӣ дар ҷомеаи мо ин вуҷуд надоштани пояҳои назариявии давлати дунявӣ дар Тоҷикистон ва барои аксарияти мардум нофаҳмо будани он мебошад.

## ХУЛОСА

### I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи таҳлили илмии масъалаҳои мухталифи мавзуи диссертатсионии «Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар замони тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»чунин хулосаҳоро ба тариқи мухтасар баён намудан мумкин аст:

1. Масъалаи дин ва давлат, баҳамалоқамандии сиёсати давлатӣ бо дин, ҳокимияти динӣ ва ғайридинӣ, шаклгирии навъи махсуси давлат берун аз тобеият ва таъсиррасонии дин ва барандагони он, дар натиҷа шаклгирии навъи нави давлат – давлати дунявӣ баҳси марҳалаҳои гуногуни таърихи афкори сиёсӣ будааст. Баҳси мафҳум, муайянкунӣ ва мушаххассозии ҳокимият ва давлати дунявӣ дар афкори сиёсии замони нав ва то имрӯз рузмарра ба назар мерасанд. Ба назар мерасад, ки як ҷузъи модернизатсияи сиёсӣ, ки ифодаи муосиршавӣ ва ба зинаи ратсионалии муносибатҳо гузаштани давлат ва системаи сиёсӣ аст, шаклгирии давлат ва ҳокимияти дунявист. Давлати дунявиро консепсияи инкишофи давлати муосире таъриф медиҳанд, ки ифодакунандаи талаботу манфиатҳои умумии тамоми одамон новобаста аз ҳар гуна мансубиятҳо мебошад.

2. Давлати дунявӣ шакли муосири давлат эътироф мегардад. Метавон мушаххас ишора намуд, ки он дар замина ва бо таъсиррасониии омилҳои консептуалӣ, сиёсиву таърихӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтааст. Заминаҳо ва омилҳои пайдоишу ташаккули давлати дунявӣ ба марҳалаи таҳаввулотие рост меоянд, ки зарурият ба тағйири сохтори институти марказии низоми сиёсӣ – давлат пеш омада буд. Шароити сиёсӣ, таърихӣ ва зарурияти асосноккунии ҳуқуқие ба миён омада буд, ки давлатро аз тобеияти бечунучарои калисо берун кашида, онро ба воҳиди сиёсии мустақил мубаддал гардонид. Акнун давлат на дар хизмати падари рӯҳонӣ ва калисо қарор мегирифт, балки ифодакунандаи талаботу манфиатҳои аксарияти аҳолӣ эътироф гардид.

3. Намунаи тоҷикии дунявият пешниҳоди дилхоҳ имтиёзро барои ягон идеологияи динӣ ё ғайридинӣ истисно намекунад. Ин бетарафии принсипиалӣ дар назар дорад, ки давлат, ҷамоаҳои гуногун, махсусан ҳокимияти давлатӣ, бе таъсири таълимотҳои динӣ ё ягон навъи идеологияи расмӣ инкишоф меёбанд. Муносибатҳои танзимкунанда муносибатҳои шаҳрвандӣ буда, тибқи санадҳои расмиятёфта ҳалли худро меёбанд. Давлат ҳамчун ниҳоди марказӣ ва пуриқтидор бартари ба идеологияи

ҳамарофарогиранда, идеологияе, ки дар доираи манфиатҳои миллӣ-давлатӣ бошад, медиҳад. Дур шудан аз ин нуқтаи назар дар сатҳи психологияи сиёсӣ метавонад мушкилиҳои нав ва мухолифатҳоро дар соҳаи муносибатҳои давлатӣ-динӣ пешгирӣ кунад.

4. Мушкилиҳои рушди давлати дунявӣ ва ҳолати муосири инкишофи Тоҷикистонро ба инобат гирифта, аниқ дарк намудан зарур аст, ки раванди бунёди давлати дунявӣ дар ҷомеа бо вижагиҳои махсуси худ ташаккул ёфта, ба нишондодҳои бисёр назаррас муваффақ шудааст. Мушкилоте ба монанди экстремизми динӣ, терроризми динӣ, маданияти пасти шаҳрвандӣ, дарки нодурусти давлати дунявӣ ва мухолифатҳои гуногуне, ки дар ҷомеаи тоҷик буданд то ба имрӯзҳо бо саъю кӯшишҳои Президенти давлатамон Эмомалӣ Раҳмон, даровардани тағйиру иловаҳо дар Конститутсия ва қабули яккатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар боиси аз байн бурдани чунин мушкилот гардида истодааст. Дунявияте, ки дар давлати мо амалӣ шуда, такмилу тақвият ёфта истодааст, ба воситаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ва иттиҳодияҳои динӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок шудааст. Рушду инкишофи онро мусбат гуфта метавонем.

Рушду инкишофи давлатдории дунявӣ бисёр марҳилаҳои пурғановатеро пушти сар намудааст. Хусусиятҳои инкишофи низоми дунявият дар Тоҷикистон давраи муракабро дар бар мегирад. Дар ибтидои ба даст овардани истиқлолият сар задани ихтилофҳои гуногун, ки шакли давлатдориро дар оянда муайян менамуд, боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Хушбахтона бо боло гирифтани ақли солим миёни тоҷикон, баъди созишномаи истиқрори сулҳ барои сохтани ҷомеаи солим, давлати мутамарказ, ки озодии виҷдонро кафолат медиҳад қадамҳо ниҳод. Тӯли 30 соли истиқлолият тавонистем ҳамзистии осоиштаи давлат ва иттиҳодияҳои гуногуни диниро таъмин намоем [6 - М].

Дар асоси таҳлилҳо ва дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин баровард мешавад.

Дунявияти давлат бисёрҷабҳа мебошад ва дар шароити ташаккулёбии ин низоми давлатдорӣ чунин ҷиҳатҳо пешниҳод мешавад:

1) дин, иттиҳодияҳои динӣ ва ибодатхонаҳо ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ бояд дахолат нанамоянд. Ин принсип чунин маъно дорад:

- давлат ба иттиҳодияҳои динӣ иҷроиши вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои худидоракунии маҳаллиро уҳдадор намекунад ва иттиҳодияҳои динӣ ин вазифаҳоро иҷро карда наметавонанд;

- давлат ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ дахолат намекунад агар он зидди қонун набошад;

- иттиҳодияҳои динӣ дар интихоботҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ иштирок намекунанд. Инчунин, дар таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсӣ иштирок намекунанд ва ба онҳо кӯмакҳои моддӣ ё дигар навъи кумакҳо намерасонанд;

- ташкилотҳои ҳукуматӣ, мақомотҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар вақти фаъолият, ҳуқуқи иштирок дар расму маросимҳои диниеро, ки ба таври оммавӣ мегузаранд, надоранд ва шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти қудратӣ ҳуқуқ надоранд, ки ҳолати кории худро барои шаклгирии муносибатҳои динӣ истифода баранд;

- дар мақомоти давлатӣ, давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ инчунин сохторҳои ҳарбӣ ташкили иттиҳодияҳои динӣ манъ аст [7 - М].

2) марказҳои ибодатии динӣ ба фаъолияти муассисаҳои таълимию илмӣ бояд дахолат накунанд. Давлат хосияти дунявии таълими давлатӣ ва маҳаллиро таъмин мекунад. Иттиҳодияҳои динӣ ҳуқуқи таъсиси муассисаҳои таълимиро доранд ва давлат ба таъмини фанҳои умумиамалии ин муассисаҳо кӯмак мерасонад. Фаъолияти муассисаҳои таълимии динӣ бо қонунҳои амалкунандаи давлат мутобиқ гардонида мешавад. Давлат хусусияти дунявии таълимро дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ таъмин месозад;

3) набояд, ки ягон навъи динро ба ҳайси дини давлатӣ ё умумиҷамъиятӣ муайян кард. Принсипи мазкур имкон медиҳад, ки дар ҷомеа озодии виҷдон ва озодии мазҳабӣ кафолат дода шавад.

4) баробарии иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун;

5) ҳайати роҳбарикунанда, хизматчиёни давлатӣ ва хизматчиёни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқ надоранд вазифаи хизматии худро ба мақсади ташаккули муносибат нисбати ин ё он дин истифода баранд [8 - М].

Инчунин, муаллиф дар диссертатсия тавсифи конститутсионии давлати дунявиро нишон медиҳад. Дунявияти давлат ҳамчун тавсифи конститутсионӣ - ҳуқуқи бисёрмаъно буда, дар он зоҳир мешавад, ки моҳияти ҳуқуқӣ ва фаҳми дунявияти давлат дар фазо ва вақт тағйир ёфта, барои давлатҳои гуногуни демократӣ монанд нест.

Дар шароити соҳибихтиёрии давлат, низоми давлатдории дунявӣ ифодакунандаи талаботу манфиатҳои аксарияти аҳолӣ баромад карда, муносибатҳои мусолиҳатомезӣ иттиҳодияҳои гуногуни диниро нигоҳ медорад.

Мантиқи муайяни умумӣ ва қонунгузории умумии таърихан ташаккулёфтаи хусусиятҳо ва фаҳми ибтидоӣ ва дурусти давлатдории дунявӣ мавҷуд аст, ки бо давлатҳои гуногуни аврупоӣ хос аст.

Хусусиятҳои рушду инкишофи давлатдории дунявӣ, принсипҳои амалишавии онро дар ҷомеа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, якчанд функсияҳои асосии онро муайян намудаем, ки дар рушди босуботи давлатдории дунявӣ нақш дошта метавонанд. Ба монанди: функсияи қонунбарорӣ, функсияи муҳофизаткунанда, функсияи танзимкунанда, иҷтимоӣ, ҳавасмандкунанда ва тарбиявӣ таҳлил ёфтаанд [4 - М].

Ҳамаи ин имкон дод, ки ба таври пурра ва васеътар мафҳуми қабулшудаи «дунявият» бо таҷрибаи давлатҳои муосир таҳқиқ шуда, тавсифи асосии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ дода шавад [5 - М].

Инчунин, дар таҳқиқи рисолаи диссертатсионӣ саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди низоми давлатдории дунявӣ ва амалинамоии принсипҳои он ба таври барҷаста инъикос ёфтааст. Бояд қайд намоем, ки сарвари давлат ин навъи давлатдориро ягона роҳи мусоид барои амнияти миллӣ, осоиштагӣ ва расидан ба ормонҳои миллӣ медонанд [2 - М].

## II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО

1. Таҳаввулоти бавуҷудомада дар низоми давлатдорӣ талаботро ба рӯоварӣ ва омӯзиши қолабҳои нав, меъёрҳо ва арзишҳои ратсионалии давлатдории муосир афзун мегардонад. Зарурияти тақвияти низоми давлатдории дунявӣ дар ҳошияи мураккаб гардидани вазъяти сиёсӣ ва хосияти бухрониро касб кардани ташаккули муносибатҳо, ба амал меояд. Ҳифзи арзишҳои моддию маънавии миллӣ, тақвияти илму дониш, ҷаҳонбинии дунявӣ ва озодии виҷдон, шаклгирии низоми давлатдории дунявиро зарур мешуморад, ки дар мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ курси махсуси омӯзишӣ барои дарки дурусти низоми давлатдории дунявӣ, ки кафолатдиҳандаи озодии виҷдон ва адолати иҷтимоӣ аст, ба роҳ монда шавад.

2. Ҷанбаи методологии таҳлили масъалаи низоми давлатдории дунявӣ нишон дод, ки падидаи дунявият қобили қабул аст ва ягона роҳи мусоидест барои таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои эътиқодии шаҳрвандон. Бо асосҳои зерин, ҳам аз тариқи институтсионалӣ ва ҳам аз тариқи системанокиву функсионалӣ системаи сиёсии миллиро зарур меояд, ки чораҳои таҳкимбахши низоми давлатдории дунявиро созмон диҳанд. Аҳамияти бештар ба низоми давлатдории махсусгардонидашудаи дунявӣ бояд равона гардад. Асосҳо, меъёрҳо ва принсипҳои инкишофи давлати дунявӣ ба шароити миллии тоҷикистонӣ мувофиқ гардонида шавад. Махсусгардонии тарҳи инкишофи давлати дунявӣ имкони мустаҳкам ва рушди устувори онро ба вуҷуд меоварад.

3. Зарурати бунёди давлатдории дунявӣ дар шароити Тоҷикистон ва аҳамияти он барои пешрафти ҷомеаи тоҷикистонӣ таъкиди илмӣ ва амалӣ пайдо кунад. Қоидаҳои умумӣ – сиёсӣ ва иҷтимоии низоми давлатдории дунявиро бо талаботу манфиатҳои тамоми халқи Тоҷикистон мувофиқ кунонидан аз аҳамият холӣ нест. Ин ҳолат метавонад ризоияти умумӣ ва ягонагии ҷомеаи тоҷикистониро таъмин намояд. Аз назари геополитикӣ ва ҷойгиршавии географию геотамаддунӣ бунёди тарҳи давлатдории дунявӣ ва дар асосҳои рушди усувор тақвият додани он, масъалаи мураккаб аст. Аз ҳамин дидгоҳ ташхисҳои илмӣ барои муайянкунии навъи мувофиқи давлати дунявии тоҷикистонӣ заруранд.

4. Дар бунёди давлатдории дунявӣ афзалият бояд ба меъёрҳои соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва нигоҳдошти сохтори конститутсионӣ дода шавад. Ниҳояти бунёди давлати дунявӣ натиҷаи тақвияти ин меъёрҳо ва

ҳолатҳои сиёсӣ гардад, на баръакс. Дар асоси омӯзиши масъалаҳои гуногуни давлатдории дунявӣ ва дарки дурусти масъала пешниҳод менамоем, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" дар моддаи 3, ки унвони мафҳумҳои асосиро дорад, калимаи давлати дунявӣ, дунявият ва ба ин монанд меъёрҳо илова ва шарҳ дода шавад.

5. Бояд савияи донишҳои динӣ-дунявии рӯҳониёнро сайқал дод ва бо консепсияҳои гуногуни замони муосир мутобиқ сохт, то тавонанд бо таҳдидҳои гуногуни имрӯза, ки бо меъёрҳои динӣ омехта шуда, ба нобудсозии арзишҳои маънавии тамаддуни башарӣ равона шудаанд, посухҳои сазовор диҳанд.

6. Вобаста ба ихтилоф надоштани принсипҳои дунявият бо меъёрҳои динӣ ва барои шарҳи дурусти он дар Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, дар муқаррароти умумӣ, қисмӣ 5 мафҳуми давлати дунявӣ илова карда шавад.

7. Бо мақсади ташаккули маданияти дунявӣ ва мафкураи дунявии шаҳрвандон бо истифода аз иқтидори иттилоотию иртиботии васоити ахбори омма ба таври фаъол тарғибу ташвиқ намудани рукнҳои асосии давлатдории дунявӣ, дар шабакаҳои телевизионӣ бо иштироки олимони соҳа ташкил намудани суҳбатҳои тахассусӣ дар мавриди моҳияти давлати дунявӣ ва афзалиятҳои он, ниҳоятан муаррифӣ намудани давлати дунявӣ ҳамчун арзиши ҷомеаи мутамаддин амали зарур ва саривақтӣ дониста мешавад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I.Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1 - М]** Муҳаммад А.Н., Яқубзода Ф.Н. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои давлати дунявӣ дар шароити муосир [Матн] / А.Н.Муҳаммад., Ф.Н.Яқубзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. Бахши сиёсатшиносӣ. – 2022. –№2. – С. 119-127. ISSN 0235-005X;

**[2 - М]**Муродов Т.Н., Яқубзода Ф.Н. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори низоми давлатдории дунявӣ [Матн] / Т.Н.Муродов., Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –№2. – С. 313-317. ISSN-2413-5151;

**[3 - М]** Яқубзода Ф.Н. Давлати дунявӣ ва тамоюлҳои миллии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Гузоришҳои АИҶТ. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. -№1 (009). Саҳ 57-62. (ISSN-0002-0000).

**[4 - М]**Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Нақш ва мавқеи давлати дунявӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. –№5. – С. 309-313. ISSN-2413-5151;

**[5 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Ҷанбаҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии давлати дунявӣ [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №4. – С.319-323. ISSN-2413-5151;

**[6 - М]**Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Хусусиятҳои ташаккули давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №3. - С.261-265. ISSN-2413-5151;

**[7 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Моҳият ва хусусиятҳои рушди давлати дунявӣ [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. - №2/2. - С.254-259. ISSN-2413-5151;

**[8 - М]**Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. - №2/1, - С.173-177. ISSN-2413-5151;

## II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо

**[9 - М]**Яқубзода Ф.Н. Давлати дунявӣ - заминаи мусоиди рушди босуботи

ҷомеа [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Маводи конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ "Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон" (ш.Душанбе, 12 майи соли 2021) – Душанбе: - С. 256-265 ДМТ.

**[10 - М]** Яқубзода Ф.Н. Пешвои миллат ва рушди давлатдории дунявӣ [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Низоми нави ҷаҳонӣ" (ш.Душанбе, 16 апрели соли 2021) – Душанбе: - С. 64-72;

**[11 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Таъсири равандҳои ифротӣ ба ҷавонон-монеаи асосии ташаккули давлати дунявӣ[Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ "Ценностные ориентации современной молодёжи в условиях светского демократического государства: особенности и тенденции" (ш.Душанбе, 28 ноябри 2018). –Душанбе: 2018. – С. 85 – 91. РТСУ;

**[12 - М]**Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Девиантное поведение молодёжи и формы его проявления[Матн] / Ф.Н.Яқубзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ "Ценностные ориентации современной молодёжи в условиях светского демократического государства: особенности и тенденции" (ш.Душанбе, 28 ноябри 2018). –Душанбе: 2018. –С. 116 – 126. РТСУ;

**[13 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Экстремизм, терроризм проблемаи асосии дунявияти давлат [Матн] / Ф.Н.Яқубзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ "Терроризм ҳамчун омили таҳдидкунандаи

пойдории давлатҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ" (ш. Данғара, 19-20 апрели 2019). – Данғара: Қисми 11, - С. 81-84. ДДД;

**[14 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Терроризм ҳамчун омили зидди равандҳои секуляризм [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалӣ "Робитаҳои мамолики Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо" (ш. Хуҷанд, 30-31 майи 2019). – Хуҷанд: - С. 11-13. ДДҲБСТ;

**[15 - М]** Яқубзода Ф.Н. Саҳми Пешвои миллат дар мустаҳкамнамоии пояҳои дунявияти давлат [Матн] / Ф.Н.Яқубзода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ "Пешвои миллат ва эҳёи тамаддуни тоҷикон" (ш.Хуҷанд, 29 октябри 2019). –Хуҷанд: -С. 434-438. ДДҲБСТ;

**[16 - М]** Яқубов Ф.Н. (Яқубзода Ф.Н). Некоторые особенности реализации принципа светского государства в Республике Таджикистан [Матн] / Ф.Н.Яқубзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. – 2017. -№2. – С. 49-54.

**АННОТАТСИЯ**

**ба диссертатсияи Яқубзода Фируз Нурматдар мавзуи «Давлати дунявӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар замони тағйирпазирии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калимаҳои калидӣ:** давлат, давлати дунявӣ, секуляризатсия, истиқлолияти сиёсӣ, иттиҳодияҳои динӣ, озодии виҷдон, амнияти миллӣ, амнияти давлатӣ, равандҳои сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, ҳокимияти сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлили назариявию методологӣ ва сиёсию амалии ташаккул, моҳият ва мазмуни ғояи давлати дунявӣ дар низоми шаклҳои амалишавии институтсионалӣ ва сиёсии он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд. Диссертатсияи мазкур нахустин кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал оиди шакли нави давлатдории муосир, давлатдории дунявӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Методҳои таҳқиқотро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки ба назария ва амалияи сиёсӣ пайваст буда, дар худ синтези муносибатҳои мухталифи илмиро ифода менамоянд, ки ба таҳлили сиёсии маводҳо мусоидат намуда, дар муайян намудани давлати дунявӣ, хосиятҳо ва масъалаҳои асосии дурнамои рушди он саҳми асосӣ гирифтааст. Ҳамчунин, дар раванди таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба давлати дунявӣ истифода аз методҳои таҳлилию усулҳои консептуалӣ методҳои синергетикӣ, муқоисавӣ, методи таърихӣ, методи мушоҳидаи бевоситаи воқеияти самараноки давлатдории дунявӣ дар мисоли давлатҳои дигари тараққиёфта, таҳлили сиёсии хусусиятҳо, ташаккулу рушди он ба таври самаранок истифода гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама, дар гузориши масъалаҳои баррасишаванда зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур кӯшиши таҳлили сиёсиест баҳри баррасии аҳамият ва зарурияти низоми давлатдории дунявӣ дар рушд ва такмилу ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон, аҳамияти тарҳи давлатдории дунявӣ ба инкишофи стратегии Тоҷикистони навин. Вазъи коркарди илмии мавзуъ муайян намуда, ба он асос меёбад, ки дар он бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи раванди ташаккулёбии давлати дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди низоми давлатдории дунявӣ, стратегияи рушди устувори давлати навини Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд дар оянда ба сифати асоси бунёдии ҳам заминаҳои назариявӣ ва ҳам амалию муқоисавии таҳқиқи бисёре аз масъалаҳои таъсиррасони инкишоф рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон баромад намоянд.

## АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Якубзода Фируза Нурмата на тему «Светское государство и его важные особенности в условиях изменения общества (на примере Республики Таджикистан)» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Институты, процессы и политические технологии**

**Ключевые слова:** государство, светское государство, секуляризация, политическая независимость, религиозные объединения, свобода совести, национальная безопасность, государственная безопасность, политические процессы, государственное управление, политическая власть, политические институты.

**Основную цель** диссертационного исследования составляет теоретико-методологический, политико-практический анализ формирования, сущности и содержания идеи светского государства в системе ее институционально-политической реализации на примере Республики Таджикистан. Данная диссертация считается первой законченной научно-исследовательской работой о новой форме современной государственности, светской государственности в условиях Республики Таджикистан.

Методы исследования формируются отношениями, связанными с политической теорией и практикой, и представляют собой синтез различных научных отношений, которые способствуют политическому анализу материалов и способствуют определению светского государства, его характеристик и основных вопросов его перспективы развития. Также в процессе комплексного анализа вопросов, связанных со светским государством, эффективно использованы аналитические и концептуальные методы, синергетические методы, сравнительные методы исторические методы, методы непосредственного наблюдения за реальной действительностью светской государственности на примере других развитых государств, политический анализ его особенностей, формирования и развития.

Полученные научные результаты настоящего исследования в первую очередь отражены в изложении рассматриваемых вопросов. Данное исследование представляет собой попытку политического анализа рассмотреть важность и необходимость светского государственного строя в развитии, совершенствовании и формировании политической системы Таджикистана, значение создания светского государства для стратегического развития нового Таджикистана. Состояние научной разработанности темы определяется и основывается на том, что впервые в отечественных политических науках был проанализирован и рассмотрен вопрос о процессе становления светского государства в Республике Таджикистан.

Практические результаты данного исследования могут быть использованы при разработке государственных программ и стратегий развития светского государственного строя, стратегии устойчивого развития нового государства Таджикистан. Также отдельные выводы диссертации могут в дальнейшем служить фундаментальной основой как теоретического, так и практического и сравнительного исследования многих вопросов, влияющих на всестороннее развитие Таджикистана.

## ANNOTATION

**for the dissertation of Yakubzod Firuz Nurmat on the theme "Secular state and its important features in the context of changing society (on the example of the Republic of Tajikistan)" submitted for the degree of candidate of Political Sciences in the specialty 23.00.02 – political institutions, processes and technologies**

**Key words:** state, secular state, secularization, political independence, religious associations, freedom of conscience, religion, state, national security, state security, political processes, public administration, political power, political institutions.

The main goal of the dissertation research is the theoretical-methodological, political-practical analysis of the formation, essence and content of the idea of a secular state in the system of its institutional and political implementation on the example of the Republic of Tajikistan. This dissertation is considered the first completed research work on a new form of modern statehood, secular statehood in the conditions of the Republic of Tajikistan.

Research methods are shaped by relationships related to political theory and practice and are a synthesis of various scientific relationships that contribute to the political analysis of materials and contribute to the definition of a secular state, its characteristics and the main questions of its development prospects. Also, in the process of a comprehensive analysis of issues related to the secular state, analytical and conceptual methods, synergistic methods, comparative methods and historical methods, methods of direct observation of the reality of secular statehood on the example of other developed countries, political analysis of its features, formation and development were effectively used.

The obtained scientific results of this study are primarily reflected in the presentation of the issues under consideration. This study is an attempt at political analysis to consider the importance and necessity of a secular state system in the development, improvement and formation of the political system of Tajikistan, the importance of creating a secular state for the strategic development of the new Tajikistan. The state of scientific elaboration of the topic is determined and based on the fact that for the first time in domestic political sciences the issue of the process of establishing a secular state in the Republic of Tajikistan was analyzed and considered.

The practical results of this study can be used in the development of state programs and strategies for the development of a secular state system, a strategy for the sustainable development of the new state of Tajikistan. Also, individual conclusions of the dissertation can later serve as a fundamental basis for both theoretical and practical and comparative research of many issues that affect the comprehensive development of Tajikistan.

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

на правах рукописи

**ТДУ: 323 (575.3)**
**ТКБ: 66.01 (2 тоҷик)**
**Я-58**

**ЯКУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ**

# СВЕТСКОЕ ГОСУДАРСТВО И ЕГО ВАЖНЫЕ ОСОБЕННОСТИ В ПЕРИОД ИЗМЕНЕНИЯ ОБЩЕСТВА (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание**
**ученой степени кандидата политических наук**
**по специальности: 23.00.02 – Институты, процессы**
**и политические технологии**

**КУЛЯБ - 2022**

Диссертация выполнена на кафедре политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.

**Научный руководитель:** **Мухаммад Абдурахмон Навруз** – доктор политических наук, профессор, вице-президент Национальной Академии наук Таджикистана

**Официальныеоппоненты:** **Усмонзода Хайридин Усмон -** доктор философских наук, профессор, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**Саидзода Шухрат Шукур** кандидат политичесих наук,доцент, заведующий кафедрой политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

**Рецензируемая организация:** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Защита диссертации состоится «24» февраля 2023 года, в «$13^{00}$» часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-001при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Автореферат разослан“____” _________________ 2023года.

И.о. ученогосекретаря
Диссертационного совета,
Доктор исторических наук Акрами З.И.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.**Светское государство, как тип государства,рассматривается как результат реализации основных процессов и тенденций развития современного государства, таких как: секуляризация, модернизация политических явлений, суверенитет и конституционализм, новый принцип реализации государственной власти - разделение властей.

После распада Советского Союза с его идеологией, ограничивавшей отношение граждан к религии, в постсоветском таджикском обществе возникла необходимость в формировании нового государственного строя, который разрешал бы религиозное отношение народамирным путем в укрепляном прав и свободы граждан, свободу совести в обществе. Республика Таджикистан признана светским государством в отношении официальной власти к религии. После приобретение независимости, в первой статье Конституции Таджикистан был провозглашен «суверенным, демократическим, правовым, светским и единым государством [1] , выступающим гарантом общественной и государственной безопасности.

Учитывая вышеизложенное, исследование и анализ становления светского государства в Республике Таджикистан и перспектив его развития является важным и своевременным процессом. Потому что, даже если основы светского государства были укреплены на государственном законодательном уровне, ряд глобальных политических процессов и различные внутренние факторы все равно оказывают серьезное негативное влияние на этот процесс. В частности, глобализация и развитие информационных и коммуникационных технологий дали возможность экстремистским и террористическим партиям и движениям беспрепятственно распространять среди населения свои радикальные идеи. Такие партии и движения начинали свою борьбу под видом религии и конфессий, использовали религиозный дух народа, искажая основные нормы светского государства, направляя людей против таких цивилизованных ценностей.В связи с этим изучение различных сторон светского государственного устройства, важных особенностей его становления и развития, научное обоснование закономерностей его формирования считается одним из основаных направлений научных исследований. Вопрос о светском государстве и его важных особенностях в период изменения общества является одним из главных вопросов государственного управления, а его анализ и исследование стали повседневной рутиной в зависимости от меняющихся условий жизни общества.

